**ХАЙРИДДИНИ ХАЙРАНДЕШ**

# ХАЙРОБОД

***(Китоби дуюм)***

**ДУШАНБЕ**
**«АДИБ»**
**2004**

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ББК 84 Тоҷик 7-5
Х-35

***Ин китоб бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ба табъ расидааст.***

Х-35 *Хайриддини Хайрандеш*. **Хайробод**. Маҷмӯаи ашъор. — Душанбе: «Адиб», 2004, 66 саҳ.

«Хайробод» китоби дуюми Хайриддини Хайрандеш буда, он ғазал, шеър ва қитъаҳои нави шоирро фаро гирифтааст. Хайрандеш дар навиштаҳояш омолу ормони инсони муосир ва дарду эҳсоси андешаҳои ӯро бозгӯ кардааст.

Марҳамат, худ хонед ва қазоват намоед.

**Х $\frac{4702520202-57}{М\ 503}$ - 2004**

**© Хайриддини Хайрандеш, 2004**

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# Ғазал

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар ки бе ёди падар як лаҳза бошад, ғофил аст,
Ҳар ки бо ёди падар бошад, муродаш ҳосил аст.
Ҳар ки ғофил монад аз ёдаш, наёбад обрӯ
Ҳар ки мегирад хабар аз ҳоли ӯ, соҳибдил аст.
Ҳайфи фарзанде, ки менолад бар ҳар ҷо аз падар,
Марги фарзанде, ки дар кори падар ноқобил аст.
Як дуои хайр Хайрандешро деҳ, эй падар,
Бе дуои хайр Хайрандеш будан мушкил аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Худои меҳрубон Имоми миллатро ба бахти
Тоҷикистон дод,
Ҷамавлоду Фаридунаслу Сомониначоду Ориёнаҷдод.
Адолатро, садоқатро, шариатро, тариқатро, ҳақиқатро
Шаҳаншоҳони дунёро бифаҳмонед то гиранд аз ӯ ёд.
Ба фарҳангу ба тиббу «Шашмақом»-у бар маориф
эътибор овард,
Ба нури маърифат кошонаи тоҷик равшан гашту
шуд обод,
Гаҳе дар Амрикову гоҳ дар Теҳрону гаҳ дар
Маскаву Шанхай,
Барои миллати тоҷик гаҳ дар обу гаҳ дар оташу
дар бод.
Ба тоҷик дод ӯ миллат, ба тоҷик дод ҳам даврону
ҳам давлат,
Ба тоҷик дод баски Тоҷикистонро амону солиму озод.
Ба Қурғонтеппа меояд шаҳи соҳибқирон,
ё раб, қадамҳояш
Муборак бод!
Муборак бод!
Муборак бод!
Муборак бод!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хати зебо, хати хоно, хати хатҳо хати тоҷик,
Ҷаҳолатро тамоман хат задем аз қисмати тоҷик.
Ба тоҷик ҳар балое ояд аз бегонагон, саҳл аст,
Нигаҳ дорад худо тоҷикро аз офати тоҷик.
Ғазалро парчами сулҳи ҷаҳон бояд кунад имрӯз,
Қасам хӯрдам, қасам, ёрон ба номи миллати тоҷик.
Биё, шоир, ба лаҳни тоҷикӣ ширинкаломӣ кун,
Дилам тар мешавад, бегуфтугӯ, дар сӯҳбати тоҷик.
Кадомин рӯз Хайрандеш хушбахт аст дар дунё?
Кадомин рӯз мешуд ғайри рӯзи Ваҳдати тоҷик?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чанд хобад нуқраву тилло ба кони Тоҷикистон,
Боз бардамтар шавад бояд миёни Тоҷикистон.
Шукр, сад шукронаи хоку хавову обу донаш,
Шукр, сад шукронаи як бурда нони Тоҷикистон.
Авҷ гир, эй боли истиқболу истиқлоли тоҷик,
Эй умеду орзуву ормони Тоҷикистон.
Сидқ овардиву ишқ овардиву меҳру муҳаббат,
Омадӣ, хуш омадӣ, эй меҳмони Тоҷикистон.
Зиндамоҳиро бурун аз об сар додан убол аст,
Кундапайванд аст ҷони ман ба ҷони Тоҷикистон.
Офтоби назми Хайрандешро гирдаш нагардад абр,
Беғубору соф бош, эй осмони Тоҷикистон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Гаҳе бомеҳр, гаҳ бемеҳр, авзоят зимистонист,
Намефаҳмам! Кӣ мефаҳмад? Муаммои ту чистонист.
Маро хоҳӣ, ки ҳар дам байни мардум обрӯ резӣ,
Магар худро ту медонӣ чӣ қисматҳо ба пешонист?
Чунон дар Тоҷикистон дар ҳама дунё табодул ҳаст,
Дигарҳо ӯзбакистонӣ, вале Ҷумъа намангонист.
Гумонҳое, ки мебурданд, охир душманам карданд,
Фалокат аз фалак дидам, вале фоҷиа фармонист.
На мардум рӯзи хуш дорад, на шоҳаншоҳ дар олам,
Бад-ин сон ҳоли халқу ҳоли шоҳони хуросонист.
Манам шоир, парешонам, чиҳо гӯям, чиҳо монам,
Ки гуфтанд охири ҳар кор дар дунё пушаймонист.
Агар гардун риёӣ аст, тамаддун ориёӣ аст,
Бузург Эмомалӣ Раҳмону Исмоили Сомонист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шӯхе, ки дилам шикор кардаст,
Монандаи офтоб зард аст.
Аз нури ҷамоли оламафрӯз
Ҳар кас, ки насӯхт, ӯ чӣ мард аст.
Гарм аст дили ҳазину зорам,
Ҳарчанд нигоҳи ёр сард аст.
Ин гавҳари сурх кард пора
Теғи чашме, ки лоҷвард аст.
З-ин беш чи гӯям, аз фироқаш
К-ин дил ба фиғону ҷон ба дард аст.
Зинҳор намерасад ба манзил,
Хайриддини мо пиёдагард аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ҷое равам, ки он ҷо шӯру мағал набошад,
Аз ёри чусту чобук холӣ бағал набошад,
Бар ман агар чунин ҷо боре шавад муяссар,
Лутфе кун, эй худованд: он ҷо аҷал набошад.
Беморхонаҳоро майхона кард бояд,
Соҳибдиле дар он ҷо бояд касал набошад.
Ширин даҳан ба ҳалво гуфтан намешавад ҳеҷ,
Н-ояд зи даст кор ар лутфи азал набошад.
Лутфи азал муяссар, Ҳеҷӣ, чу кардат он ҷой,
Он ҷо чӣ кор ояд, к-он ҷо ғазал набошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Вай-вай-вай-вай, чӣ турфа ҳур аст
Қомат чӣ қиёматест, ҷӯр аст.
Он кас, ки набохт дил, хабис аст,
В-он кас, ки надид, кӯри кӯр аст.
Афсӯс, ки ҳаст дастнорас,
Афсӯс, ки оши ишқ шӯр аст.
Ӯ ҳаст, ки дар нигоҳи ошиқ
Олам ҳама рӯшан аст, нур аст.
Зинҳор намерасӣ ба васлаш,
Дардо, дили ту зи ишқ дур аст.
Ғайрат бинамо ту ҳам чу ағёр,
Ҳеҷӣ, ҳама ғайри ту ғаюр аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Кофтам, пайдо накардам, кобаду ёбад маро,
Худ биандешад, ки ин ҳикмат чунин гуфтам чаро?
Кори ман, эй шоҳи хубон, бар ту афтодаст боз,
Одамон бояд наранҷонанд корафтодаро.
Турки тоҷикам чаро туркона санъат мекунӣ,
Дил ба ғорат бурдаӣ аз ман чаро? Ғоратгаро!
Хона равшан кардаӣ, берун тамоман тира аст,
Дар дарун пинҳон машав, берун баро, берун баро.
Нози болоро на ҳар аҳли қалам бардоштаст,
Эй бародар, ин қадар боло марав, охир фаро.
Ин қадар дар шӯразори ҷаҳл тунд афтодаӣ,
Ҳеҷиё, ширин мапиндор ин қадар ҳар шӯраро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Одамӣ дар зиндагонӣ аз паи ҳар кор мегардад,
Гар нагардад ҳам, илоҷе нест, ӯ ночор мегардад.
Ваҳшиён одам шуданду одамон ваҳшӣ, чӣ сеҳр аст ин,
Одам одам мешавад вақте ки одамвор мегардад.
Лолу кӯру кар дар ин раҳ дарнамеёбанд чизе,
Аз раҳе, ки ноҳақ аст, одам саду як бор мегардад.
Ҳар ки қадри вақт донад, қадри ӯ донад худовандаш,
Гар надонад қадри вақт одам, ба одам зор мегардад.
Бори худ бардору бори дигарон бигзор, Хайрандеш,
Ҳар касе, к-ӯ феъли хар пайдо кунад, ӯ хор мегардад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мо сар ба касе немефарорем,
Бо аҳли хирад ҳамеша ёрем,
Рӯ турш макун, ки мо на туршем,
Ту кина нагир, мо надорем.
Ту кор нагир, кори мо нест,
Бо коргир кор дорем.
По бар сари ту кӣ монд охир?
Дар пои ту сар намегузорем.
Машмор, хало, ту ҳеҷ моро,
Мо низ туро намешуморем.
З-ин маърака меравем, Ҳеҷӣ,
Ин хона ба ҷуғз месупорем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сангу хору хас мазоқам мекунад,
Ҳар касу нокас мазоқам мекунад.
Пушти по зад ҳар касе пояш расид,
Порасу норас мазоқам мекунад.
Дар замин мехостам одам шавам,
Дар замин хар бас мазоқам мекунад.
Дар ҳаво парвоз кардам чун уқоб,
Дар ҳаво каргас мазоқам мекунад.
Шиква аз бегона кардан аблаҳист,
Зиндагонӣ пас мазоқам мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Душманӣ аз ҳад гузашт, аз дӯстӣ орад хабар,
Дӯстӣ аз ҳад гузашт, он душманӣ орад самар.
Дӯст пайдо кардан осон, дӯстӣ кардан гарон,
Аз барои дӯст, лозим шуд фидо кун ҷону сар.
Душманат бисёр бошад, рӯсиёҳат мекунанд,
Ҳар замон аз пеши роҳат мебарояд сад хатар.
Дӯстат бисёр бошад, мешавад ризқат зиёд,
Ҳам сутуни хонаат, эй дӯст, мегардад зи зар.
Рӯи душманро набинӣ, нашнавӣ ҳарфи ҳасуд,
Лаззати ин зиндагонӣ лаззати ҳалвои тар.
Медарояд ҳарфи ӯ чун ғундалу каждум ба гӯш,
Заҳр бошад сӯҳбаташ, аз сӯҳбати душман ҳазар.
Дӯстро пиндор хуш, гуфтор хуш, рафтор хуш,
Бош, Хайрандеш, аз файзи каломаш баҳравар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Мешавад, ёрон, маро дар ҳар қадам вайрон асаб,
Ин чӣ сол асту чӣ моҳ асту чӣ рӯз асту чӣ шаб?
Гоҳ аз бегона меранҷам, гаҳ аз хешу табор,
Ҳудаю беҳуда, меоям, худоё, дар ғазаб.
Худ намедонам чаро гаштам ба ҳар кас бадгумон
Ё магар ин бадгумониҳои ман дорад сабаб?
Рӯи оламро қабоҳат ин қадар печидааст?
Зиндагии поку зебо аз худо дорам талаб.
То ба кай, бечоранолон, то ба кай, эй ҳамгилон,
Аз юнонию муғул нолему аз турку араб?
Ҳеҷиё, чашмам ба сӯзиш омад аз дунёи дуд,
Воаҷаб, эй воаҷаб, эй воаҷаб, эй воаҷаб!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар биёбони васеи бекарони ҷаҳлҷӯш
Мерасад аз ҳар тараф сад корвони ҷаҳлҷӯш.
Дар замини Темуру Искандару Чингизхон
Офати биёр борад з-осмони ҷаҳлҷӯш.
Қисмати шӯрам ба Шӯробод шӯронид шӯр,
Рафт ширинии умрам дар замони ҷаҳлҷӯш.
Кай дигар бо оқилон созем дар дунёи дун
Мо, ки бишкастем садҳо ормони ҷаҳлҷӯш?
Осафо, дар ҷаҳлҷӯшиҳои даврон алҳазар
Аз қабоҳатҳои алфози даҳони ҷаҳлҷӯш.
Чанд бори ранҷу озору таҳаммул мекашад
Мағзи сар дар зарбаҳои беамони ҷаҳлҷӯш.
Ҳон, макун айбаш, чу Хайрандеш бар
майхона рафт,
Нест ҷои орамидан дар ҷаҳони ҷаҳлҷӯш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Роҳ соликро ба манзил мерасонад,
Чашмаро илҳом бар Нил мерасонад.
Аз ҷудоиҳо манол, эй най, ки рӯзе
Мавҷ соҳилро ба соҳил мерасонад.
Ғуссаи даврон туро, эй марди саркаш,
Оқибат бар сактаи дил мерасонад.
Ноумедӣ кори шайтон аст, бархез!
Сайъ ноқисро ба комил мерасонад.
Пашша гар хоҳад, ки гардад борбардор,
Ҳиммати худро ба сад фил мерасонад.
Дасти ғайб, андеша бояд кард, к-аз ғайб
Теғро бар ҳалқи қотил мерасонад.
Сӯҳбатоно бош доим, Хайрандеш,
Шеър шоирро ба маҳфил мерасонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Он мӯр чӣ мӯр аст, Сикандар шуда бошад,
Он мурғ чӣ мурғ аст, Самандар шуда бошад.
Он давр чӣ давр аст, ки ҷавр асту ҷаҳолат,
Он сарв чӣ сарв аст, ки ар-ар шуда бошад.
Он роҳ чӣ роҳ аст барад зуд ба манзил,
Он пой чӣ пой аст, ки шалпар шуда бошад.
Он дор чӣ дор аст, ки дар гардани ёр аст,
Он ёр чӣ ёр аст, ки кофар шуда бошад.
Шогирд зи устод надорад ҳақи ранҷиш,
Ҳарчанд ба устод баробар шуда бошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

То ба забон дӯст, ба дил душманӣ,
Ранҷи ману дарду балои манӣ.
Гӯру қиёмат, ки туро сӯхтаст,
Нестӣ, эй мард, магар мурданӣ?
Тӯр ба тӯрему фано дар фано,
Тортанак, тор чаро метанӣ?
Мавҷи ҳаёт аст шикан дар шикан,
Мо нашикастем, ки то бишканӣ.
Шафқату инсофу мурувват куҷост?
Ақл ку? Имон куҷо? Виҷдон канӣ?
Дорад аз ин давр талаб рӯзгор
Марди тилоиву зани оҳанӣ.
Хайри худо, марди саодатнасиб,
Дар паи фазлу раҳи илму фанӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Омад ба шаҳри Қурғон як навҷавони ҳиндӣ,
Хуш омадед, гуфтем, эй меҳмони ҳиндӣ.
Ҳиндӣ ғазалсаро шуд, бар ишқ мубтало шуд,
Наздиктар ба мо шуд Ҳиндустони ҳиндӣ.
Абрӯкамони русӣ аз мо бибурд, аммо
Моем дар хумори абрӯкамони ҳиндӣ.
Аввал бисӯхт хомӯш, олам шудаш фаромӯш,
Охир шуд ошкоро рози ниҳони ҳиндӣ.
З-ин баъд мезанӣ ҳарф, з-ин баъд мезанам ҳарф,
Ту бо забони русӣ, ман бо забони ҳиндӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ҳар ҷо, ки равам, оям фарзона ба сӯят ман,
Дар чашми ҳама тобам девона ба кӯят ман.
Эй мояи дилбозон, эй тоҷи сарафрозон,
Эй шамъи назарбозон, парвона ба рӯят ман.
Гаҳ нуру гаҳе хокӣ, гаҳ хоку гаҳ афлокӣ,
Гаҳ ринду гаҳе покӣ, бегона ба кӯят ман.
Эй ишқи ту тақдирам, эй ақли ту тадбирам,
Эй зулфи ту занҷирам, в-эй шона ба мӯят ман.
Як рӯз ба Дарвозам, як рӯз ба Шерозам,
Як умр сарафрозам мастона ба бӯят ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чӣ ғам аст дар дили ман, чӣ ғам аст, худ надонам,
Ки чаро чунин ҳақирам, ки чаро ғамошёнам?
Чӣ ғам аст дар дили ман, на кам аст дар дили ман,
Ғами дил куҷо фишонам, нашавад, куҷо кашонам?
Ки на дӯст мешиносад мани хастаро, на душман,
На бародару на ҳамсар, ба куҷо барам фиғонам.
Чӣ кунам, чӣ чора ҷӯям, чӣ илоҷ баргузинам,
Ки дар ин ҷаҳони фонӣ нарасад ба кас зиёнам?
На забони ҳам бифаҳманд, на гуноҳи ҳам бубахшанд,
Биравам ба пеши морон, ки малӯл аз одамонам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Худоё, ин қадар вақт, ин қадар давру замонҳо рафт,
Ҳазорону ҳазорону ҳазорон ормонҳо рафт.
Кӣ медонад, ки баъд аз мо чӣ гардишҳост дар гардун?
Кӣ медонад аз ин ҳомун куҷо он корвонҳо рафт?
Ба боғи ҳусн пайдо боғбоне мешавад ё не?
Гули шарму ҳаё аз боғи рухсори ҷавонҳо рафт.
Чӣ рафтанҳо ба поёнҳо, чӣ рафтанҳо ба болоҳо,
Яке зери замин, дигар ба авҷи осмонҳо рафт.
Намедонанд ин мардум румузи ошноиҳо,
Аз онҳо рафт Хайрандеш, Хайрандеш аз онҳо рафт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Тамоми шоирон доранд шӯри Мавлавиёна,
Намедонам ба ин даъво ту розӣ мешавӣ ё на?
Ба ин рафтору гуфторе, ки ман дорам ба ҳар маҷлис,
На ҳушёрам тавон гуфтан, на донишвар, на девона.
Китоби бад надорад ҳеҷ гаҳ дар ҳеҷ чашм арзиш,
Китоби нағз боқадр аст чун гавҳар ба ҳар хона.
Чаро ҷоҳил ба неъмат ҳасту оқил ҳаст дар заҳмат,
Чаро бояд шавад мӯҳтоҷ донишманду фарзона?
Маро дар байни мардум қадрдон дардошноӣ кард,
Ғазалҳое, ки Ҳеҷӣ гуфт, дорад қадри дурдона.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

# Шеър

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ИРШОД

### *Эҳдо ба раиси вилояти Хатлон мӯҳтарам Амиршо Миралиев*

Мужда, эй аҳли Хутал, раҳбари ғамхор омад,
Ӯ Амирест, ки бар Шоҳ сазовор омад.
Насабаш Миру Алӣ насб шуда дар насабаш,
Ваҳ, ки дар ному насаб Мир падидор омад.
Дар ҳама ҷабҳа бувад санъату фазлаш ба ривоҷ,
Ҳотамӣ бин, ки ба фарҳангу адаб ёр омад.
Паи иршоди Ватан баст камар мустаҳкам,
Кор ҳарчанд ки сарбаставу душвор омад.
Бояд омӯхт ба Хатлон ҳунари додугирифт,
Боз оред ҳунар, давраи бозор омад.
Мулк гулзор шавад аз караму ҳиммати ӯ,
Халқ бинанд, ки «Гулбарг» ба гулзор омад.
Бешкент аз қадамаш Носири Хусрав гардид,
Кор дар хоки муқаддас бин, аҷаб кор омад.
Гашт бас Ғозималике ба Хуросон табдил,
Хуш табаддул, ки дар ин хок ба такрор омад.
Рӯҳи Темурмалику Мир Саиди Ҳамадон
Шод гашту нафаси тоза ба Фархор омад.
Шаҳри Кӯлоб шавад муъҷиза дар олами ҳусн,
Дасти эъҷоз дар ин шаҳр мададгор омад.
Панҷи Поён, ки барад сатҳи нумӯ бар боло,
Бас кушоиш ба дари олами асрор омад.
Аз хасисону хабисону ҳарисон дар марз
Ҳар куҷо валвалае буд, валангор омад.
Кампютер ба ҳар соҳа фаровон бирасид,
Рушд бар кору ба эҷоду ба афкор омад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Чӣ бигӯям ба сифоташ дигар аз ин беҳтар:
Мир бар боварии Шоҳ сазовор омад.

## ВАТАН ГУЛ КАРД

Даҳ сол пур аз омил, даҳ сол пур аз омол,
Даҳ аср баробар нест, зинҳор ба ин даҳ сол.
Даҳ сол таҳаммул буд, даҳ сол таҷаммул буд,
Даҳ сол набуд ошӯб, даҳ сол набуд ҷанҷол.
Даҳ сол, ки Ваҳдат буд, Ваҳдат гули давлат буд,
Даҳ сол Ватан гул кард аз накҳати Истиқлол.
Будем ҳама оқил, будем ҳама оҷил,
Будем ҳама фоил, будем ҳама фаъол.
Тоҷик ба шаб маҳ ёфт, тоҷик шаҳаншаҳ ёфт,
Эмомалии Раҳмон — ганҷинаи беамсол.
Дар ҳошияи таърих бо оби тило сабт аст,
Иҷлосияи Қисмат, Иҷлосияи Иқбол.
З-ин Қисмату з-ин Иқбол кун тантана, Хайрандеш,
Парвози ту то бошад парвози мутантанбол.

## МАРГ ВА МАРД

Марг, ҳайфо, бегуноҳонро ба коми хеш бурд,
Он, ки бояд мурд, монду он, ки бояд зист, мурд.
Марг номард аст, қасди ҷони мардон мекунад,
Дар сари марг осиёро мард гардон мекунад.
Марг номард аст, мардонро ба ғафлат мебарад,
Мард ҷон мебахшаду ҷони Ватанро мехарад.
Мард бош, эй марг, раҳ бар ҷони номардон бизан,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар кучо номард диди̅, он тараф ҷавлон бизан.
Мард бош, эй марг, мардонро дигар ғофил нагир,
Ин қадар дар Тоҷикистон хешро қобил нагир.
Тоҷикистон кони мардони банангу ор ҳаст,
Душманони ноҷавонмардаш вале бисёр ҳаст.
Душмани аввал ҷаҳолат ҳаст байни хосу ом,
Душмани сони̅ маҳалбозист, ёрон, вассалом.
Боқи̅ бисёранд аз ҳар гӯша сангандози мо,
Душмани берунаанд онҳову ҷангандози мо.
Мард бош, эй марг, онҳоро бубар аз ин ҷаҳон,
Тоҷиконро аз разолатҳои номардон раҳон.

## ДАСТИ РАСО

Ман агар дасти расо медоштам,
Аз тило месохтам қасри муаллову муҷаллову мунаққаш,
Гирди он девор аз ёқут мебардоштам.
Ман агар дасти расо медоштам,
Шоиронро ҷамъ мекардам дар он қасри муаллову
муҷаллову мунаққаш,
Душманони шоиронро мезадам оташ.

## ШӮРБАХТ

Хуни халқат он қадар бисёр рехт,
Он қадар хоки мазорат элаки тақдир бехт,
Он қадар тоҷик аз тоҷик бар ҳар сӯ гурехт,
Ришта-ришта риштаҳои дӯсти̅ аз ҳам гусехт.
Мехази̅ чун сайди захмин, эй сабил,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Хастаҳолу хастаҷону хастадил,
Буд айёме, ки будӣ жандапил,
Буд айёме, ки будат тоҷу тахт,
Омад айёме, ки гаштӣ лахт-лахт.

Шӯр дар дил,
Шӯр дар ҷон,
Шӯр дар сар,
Шӯр аз сар то қадам,
Эй шӯрбахт!
Эй шӯрбахт!

***Соли 1992***

## БОВАР НАМЕКУНАМ, КИ ИНРО МАН ГУФТА БОШАМ:

Наё меҳмон дигар бар хонаи ман,
Ки ман дар хонаи худ нон надорам.
Агар нон аст имон, эй мусулмон,
Наё дигар, ки ман имон надорам.

***Соли 1992***

## ДУОИ НОН

Шукронаи файзи зиндагонӣ,
Шукронаи дасти босаховат.
Шукронаи тинҷиву амонӣ,
Шукронаи рӯзи бедағоват.
Шукронаи хонадони obод,
Шукронаи аҳли байту пайванд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шукронаи ин даму дили шод,
Шукронаи неъмати худованд.

## ОМУРЗИШ

Ҳама дар ин ҷаҳон гарқи гуноҳем,
Ҳама дар ҳар қадам дар иштибоҳем.
Ҳама сар то ба по нуқсему ҷурмем,
Рави боми ҷаҳонро ҷумла гурмем.
Фақат худ бегуноҳӣ, ин яқин аст,
Набахшоӣ агар, бисёр қин аст.
Умеди мо туӣ, парвардигоро,
Макун аз лутфи худ навмед моро.
Зи асби ҷуди хеш, эй хони раҳмат,
Фиристон бар маит бороние раҳмат.
Маитро беш аз ин борон фиристон,
Ба боқимондаҳо имон фиристон.
Бад-ин қудрат, бад-ин эҳсон, ки дорӣ,
Бубахшояш, ки худ омурзгорӣ.
Ба дасти туст ҳукми сарнавишташ,
Худовандо, бидеҳ ҷо дар биҳишташ.
Бимон монад мудом арвоҳи ӯ шод,
Бимон монад мудом ин хона обод.

## ЗАН

***Барои занони тамоми олам***

Зан тараб аст, зан ғам аст,
Рози ниҳони олам аст.
Хотири ҷамъи одам аст,
Сӯҳбати зан чӣ форам аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гаҳ шакар асту гоҳ заҳр,
Гоҳ ба лутфу гаҳ ба қаҳр.
Гоҳ бисӯзад ин ҷаҳон,
Гоҳ фурӯзад ин ҷаҳон.
Зан ки бақои олам аст,
Укдакушои олам аст.

## ҒОРАТ

Духтаре хоб аст андак хастаҳол,
Хоб кардан дар бараш амри маҳол.
Аз саҳар дар боғ сарсон гаштааст,
Хаставу беҳолу тарсон гаштааст.
Ҷилди Лоиқ монда дар зери сараш,
Ман нахуфтам мисли Лоиқ дар бараш.
Мон каме осуда дам гирад, каме,
Мон биосояд дар ин дунё даме.
Ҷои кораш нест, ӯро хона нест,
Тоҷик асту ӯ, одами бегона нест.
Хоб кун, эй духтарак, осуда хоб,
Дидаӣ дар зиндагӣ умре азоб.
Зиндагӣ афканд бар ин ҳолатат,
Нокасон карданд умре ғоратат.

## ШИРИН

### *(Суруд)*

Лаб, лаби лаб ширин,
Заб, заби заб ширин.
Рӯзи фироқ талх,
Сӯҳбати шаб ширин.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ёр ёри лабшакар,
Лаб, лаб аҷаб ширин.

Ноз нози нози ноз,
Ишқи ту ҷонгудоз.
Ҳаҷри ту дилнишин,
Васли ту дилнавоз.
Мулки ту дар Ҳирот,
Зулфи ту дар Ҳиҷоз.

Лаб, лаби лаб ширин,
Заб, заби заб ширин.
Рӯзи фироқ талх,
Сӯҳбати шаб ширин.
Ёр ёри лабшакар,
Лаб, лаб аҷаб ширин.

Қайсаму ҷонфидо,
Об шудам, ҳам адо.
Кай шавад офтоб
Аз шаби ман ҷудо?
Ҳар шаб туро ба ман
Рӯзӣ кунад худо.

Лаб, лаби лаб ширин,
Заб, заби заб ширин.
Рӯзи фироқ талх,
Сӯҳбати шаб ширин.
Ёр ёри лабшакар,
Лаб, лаб аҷаб ширин.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ОРИЁӢ

*Эҳдо ба Латофат Шарифова*

Моҳе дар осмон,
Моҳест дар замин.
Моҳе чӣ дилфиреб,
Моҳе чӣ нозанин.

Он моҳ моҳи нав,
Моҳи тамом ин.
Воломақом он,
Олимақом ин.

Ин маҳ ба моҳи нав
Дорад бас эътиқод.
Аз моҳи нав расад,
Ин моҳ бар мурод.

Эй моҳи нав, бидон,
Ин маҳ зиёӣ аст.
З-ин маҳ бигир нур,
Ӯ ориёӣ аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АРЧА

Арчаи мо арӯсмонанд аст,
Хушқаду дилкашу фараҳафзост.
Арчаи мо ба мисли сабзпарӣ
Дилбару ботаровату зебост.

Шеър гуфта тарона мехонем,
Гирд-гирдаш ба рақс меоем.
Мисли арча, мисоли бозичаҳо
Сабзу хушрӯву нозанин моем.

Кӯҳнаҳо мераванду меояд
Барфи нав, ҳарфи нав, назораи нав.
Рақсу шодӣ кунед, меояд
Соли нав, асри нав, ҳазораи нав.

***Охири декабри соли 2000***

## ХУШДИЛОН

Ассалом аҳли маориф, аҳли фарҳанг, ассалом,
Аҳли санъат, аҳли базму савту оҳанг, ассалом.
Фасли Наврӯз асту мо базми баҳорӣ мекунем,
Дашту саҳро пур шуд аз гулҳои хушранг, ассалом.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Гул бихандад, мо нахандем, ин аҷаб кори хатост,
Хандаи мо гар набошад, хандаи гулҳо чарост?
Ханда месозад ҳамегӯянд умри кас дароз,
Ханда файзи умри инсон, ханда зеби умри мост.

Навбаҳори оламафрӯз навбаҳори хушдилон,
Хандаву хурсандиву шодӣ шиори хушдилон.
Хушдилонро мерасад бахти баланд аз хушдилӣ,
Мефизояд обрӯву эътибори хушдилон.

Бо баҳои сею ду афтем андар мушкилӣ,
Бо баҳои чору панҷ афтем андар ташкилӣ.
Хушдилонро хушдилӣ ояд фақат аз чору панҷ,
Зинда бодо хушдилон! Поянда бодо хушдилӣ!

Аҳли шеър, аҳли сухан, аҳли китобу дафтарем,
Аҳли фарҳангу маорифро ба ҷон мепарварем.
Хушдилони рӯи дунёро агар оранд ҷамъ,
Мо зи хушдилҳои олам сад карат хушдилтарем.

Мо ба қарсакҳои пур аз мавҷ бовар мекунем,
Дар баҳо додан фақат бовар ба довар мекунем.
Аз тамошо дар «Баҳористон»-и мо лаззат баред,
Гул бичинед аз тамошо! Хушдилӣ сар мекунем!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ХИРАД ВА ИШҚ

Чу ман девона дар занҷири зулфаш
Ҳазорон асту ман шайдотаринам.
Ба чашми халқ пайдоям чу шоир,
Ба чашми ёр нопайдотаринам.

Маро дар хона тифлон интизоранд,
Ва ҳам як ҳамсари донову дилкаш,
Вале ман дар хаёли он сиҳисарв,
Вале ман дар хаёли он париваш.

Худовандо, маро ошиқ нагардон,
Ки ман оила дорам, хона дорам.
Худовандо, маро ошиқ нагардон,
Ки ман дар хонаам ҷонона дорам.

Гуноҳам буд дар Кӯлоб бисёр,
Ва он афзунтар аст имрӯз дар Вахш.
Гуноҳам, хуб медонам, зиёд аст
Ва медонам худованд аст лакбахш.

## ИЛТИҶО

Аввал имонам бидеҳ, пас долларам,
Тӯҳфаву савғои Наврӯзӣ харам.
Тӯҳфаву савғо ба модар мебарам,
Иди Наврӯзат муборак, модарам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Аввал имонам бидеҳ, пас долларам,
Тӯҳфаву савғои Наврӯзӣ харам.
Тӯҳфаву савғо ба ҳамсар мебарам,
Иди Наврӯзат муборак, ҳамсарам!

Аввал имонам бидеҳ, пас долларам,
Тӯҳфаву савғои Наврӯзӣ харам.
Тӯҳфаву савғо ба духтар мебарам,
Иди Наврӯзат муборак, духтарам!

Гул кунад Наврӯз дар бому дарам,
Сабз шав, эй шохаи шеъри тарам!
Эй худои меҳрубону бокарам,
Аввал имонам бидеҳ, пас долларам.

## ХАЙР, ЭЙ ГИМНАЗИЯ!

Хайр, эй гимназия! Хайр, эй устод!
Ишқи туро, илми туро худо ба мо дод!

Хуни ҷигар хӯрдаӣ, илм ба мо додаӣ,
Бар дилу бар ҷони мо нуру зиё додаӣ,
Ишқи ту андар дилам, илми ту андар дилам.
Меравам аз даргаҳат, боз ба ту моилам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Хайр, эй гимназия! Хайр, эй устод!
Ишқи туро, илми туро худо ба мо дод!

З-оғӯши пурмеҳри ту мо ба фароғат равем,
Марзи Ватан – ҳар тараф сайру саёҳат равем.
Баъди фароғат ба шавқ бол кушоем мо,
Бол кушоем мо, боз биоем мо.

Хайр, эй гимназия! Хайр, эй устод!
Ишқи туро, имли туро худо ба мо дод!

## ТАЪКИД

***Дар сӯгвории шодравон Субҳон Раҳимов***

Эй азизон, будаст дунё дун,
То фалак бо Раис чиҳо кардо.
Ҳар ки дар худ бубояд андешад:
Ҳастам имрӯз, нестам фардо.

Эй азизон, будаст дунё дун,
Мебарад нури дидаро ногоҳ.
Ҳар куҷоед, дӯстон, бошед
Доим аз ҳоли ҳамдигар огоҳ.

Ҳамраҳаш буд гарчи ду Эмом,
Кор аммо на бар мурод омад.
Ин чӣ ноомадист, дар як вақт
Ҷони се одамӣ ба бод омад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй азизон, будаст дунё дун,
То нафас ҳаст, қадри ҳам донед.
Он мабодо, ки дар дурӯза умр
Дигаронро зи хеш кам донед.

Оҳ, аз навҳаҳои пайвандон
Бому девори хона меларзад.
Тобути интизор мегӯяд:
«Ин ҷаҳон бар чизе намеарзад».

## ПАНҶ ГАНҶ

***Дар як соли шаҳрдорӣ***
***(1999-2000)***

Ҳоҷиё, бар шаҳри Қӯрғонтеппа кор овардаӣ,
Давлати Эмомалиро эътибор овардаӣ,
Пайки ободӣ қатор андар қатор овардаӣ,
Панҷ ганҷи бебаҳо мардонавор овардаӣ,
Сарвари Сомониёнро шаҳсавор овардаӣ.

Ҳоҷиё, бо аҳли меҳнат меҳнат афзун кардаӣ,
Теппаро дар пеши чашми мо дигаргун кардаӣ,
Халқро бар ҳусни Қӯрғонтеппа мафтун кардаӣ,
Бибихонумро, худоё, сар ба гардун кардаӣ,
Тахти илму фазлу фарҳангу тамаддун кардаӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳоҷиё, шаҳр аз қудумат зиннати афсона ёфт,
Шаҳр ҳам як шаҳрдори оқилу фарзона ёфт,
Оқибат анҷом бунёди табобатхона ёфт,
Дард Қӯрғонтеппа омад, хешро бегона ёфт,
Шаҳри Қӯрғонтеппа шамъе гашту сад парвона ёфт.

Ҳоҷиё, афзуд аз кор эътибору ҳурматат,
Ҳар куҷо по мениҳӣ, болост қадру қимматат,
Аҳли фарҳангу маориф шодмон аз ҳимматат,
Дар ба рӯи тифлакон бикшод боз интернатат,
Раҳми тифлон хӯрдаӣ, раҳми худо бар давлатат.

Ҳоҷиё, бар тирашабҳо чилчароғ овардаӣ,
Буд ҳар ҷо бепарасторе, суроғ овардаӣ,
Сина аз дарди ятимон доғ-доғ овардаӣ,
Бӯи тифлони биҳиштӣ бар димоғ овардаӣ,
Мева гар оранд бар тифлон, ту боғ овардаӣ.

Эй азизон, як назар бо чашми гавҳарбин кунед,
Хидмати яксолааш бинед, сад таҳсин кунед.
Ҳар касе ободие овард агар, талқин кунед,
Ҳоҷиёни шаҳри Қӯрғонтеппа як омин кунед,
Ҳақ дуои давлати Ҳоҷӣ Сироҷиддин кунед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# Сабзандарсабз

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рустам дигар ба олам фарзандкуш нагардад,
Суҳробҳои худро Таҳминаҳо бубинанд.
Искандарист имрӯз оини Хайрандеш,
Ояндаҳо биоянд оинаҳо бубинанд.

Хоксоранд бузургони ҷаҳон
Аввалу охири одам хок аст.
Машкан оинаи мо, Хайрандеш,
Нийяту дасту дили мо пок аст.

Ҳазорон бор шуд, эй кӯҳнадунё,
Мусулмон кофару кофар мусулмон.
Ба ин дунёи бемеҳру муҳаббат,
Ба ин сахтозмои сустпаймон
Чаро ман омадам, эй Хайрандеш?
Пушаймонам, пушаймонам, пушаймон.

Рустами мо ба зарби гурз имрӯз
Мушти Ҳотам кунад ҳаме вайрон,
Ҳотами мо ба зарби доллару фунт
Гурзи Рустам кунад ҳаме вайрон.

Ало, эй дил, мудом андар қафас бош,
Вале андар ҳазору як ҳавас бош.
Ғанимат ҳаст, ин фурсат, ғанимат,
Агар гул ҳам набошӣ, хору хас бош.
Ҳама гаштанд ҳамболи уқобон,
Ту, Хайрандеш, ҳамболи магас бош.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ширин хироми мову гуворо давоми мо,
Бе шеъру бе таронаву маҳфил намешавад.
Ин тӯтиён зи якдигар шаккаршикантаранд,
Аттор Ҳофиз, Мавлавӣ Бедил намешавад.

Навмед мудом бод шайтон,
Одам баумеду бомурод аст.
Мо камбағалему камбизоат,
Эй дӯст, гуноҳи мо зиёд аст.
Ҳар сар, ки ту дидаӣ дар атроф
Сад макру ҳазор фитна зодаст.

Рафта-рафта душманаш кам мешавад, кам,
Рози дил аз дӯст Хайрандеш бинҳуфт.
Рӯи некиро нахоҳад дид ҳаргиз
Рағми Хайрандеш ҳар кас, ки барошуфт.

На ҳама гард, ки мебинӣ, саворе дорад,
На ҳама мард, ки мебинӣ, мазоре дорад.

Ин суханро чун гуҳар суфт устоде,
Ин гуҳарро хуш пазируфт арҷманде.
Кӯҳ будӣ, раммаҳоят мечариданд,
Коҳ гаштию бихӯрдат гӯсфанде.
Ку тамошогар, ки Хайрандеш дорад
Дар сари кӯҳи баланде лолаханде.

Қадам паст карданд қоматчаҳо,
Шинонданд пастам шаҳоматчаҳо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бигӯ аз китоби калонат чӣ суд?
Ҷаҳонро гирифтанд бо хатчаҳо.
Намирӣ зи офат, вале мекушанд
Туро, Хайрандеш, офатчаҳо.

Дунё пури беор ҳаст, номард ҳам бисёр ҳаст,
Дорам ту худ гӯ з-ин миён ман зеби марги
бемаҳал?
Бар нокасӣ бадкешро, ранҷонд
Хайрандешро,
К-ӯ ба димоғи сӯхта ширин намегӯяд ғазал.

Макан шеър аз дарахти Хайрандеш,
Ки ду-се ғӯраи беранг дорад.

Мо ҳамонем, ки аз авҷи само омадаем,
Мо ҳамонем, ки имрӯз шуда пойбагил.
Ташнаи шеру суруд аст дили Хайрандеш,
Эй ба дил завқат агар ҳаст, биё бар маҳфил.

Ҷаноби Хайрро бигӯ: зи пушти духти орзу
Ту медавию медавӣ, чӣ суд аз давиданат?

Дилам ба ҳоли ту, эй гул, чу лола месӯзад,
Ки нав шукуфтаию охири баҳорат ҳаст.
Қадам гузор ту боэҳтиёт, Хайрандеш,
Ба дӯш то дами вопас шикастаборат ҳаст.

Беҳуда дар ин диёр худро
Бар шоҳу гадо ғулом кардем,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Муҳтоҷи ҳазор марду номард,
Овораи сад мақом кардем.

Ҳофизу Саъдиву Бедил, Рӯдакиву Мавлавӣ
Кош ҷамъ оянд гирди суфраи солинавӣ,
Базми Ҷамшедӣ биорояндy дил созанд об
Ба рубоӣ, бо дубайтӣ, бо ғазал, бо маснавӣ.

Аз пеши назар чашми нами Одина Ҳошим
Ҳаргиз наравад, во алами Одина Ҳошим.
Тоҷик агарчанд ки дорад ғами бисёр,
Талх асту ҷигарсӯз ғами Одина Ҳошим.

Чун ба Машҳад гузар ориву зиёрат накунӣ
Марқади марди худое, ки зиёратбоб аст.
Хайрандеш бикун саҷда, ду рукъат бигузор
Ба ҳақи Мири Сияҳпӯш, ки дар Кӯлоб аст.

Шод манзилҳо шавад, ободмаҳфилҳо шавад,
Кинаву кудрат зи байни шоирон хезад ҳаме.
Дар сарам, дар дафтарам, дар мисраи
шеъри тарам
Меҳри ҳафтоду ду миллат то биомезад ҳаме.

Пас аз ман укдаҳои кори ман накшуда мемонад,
Раҳи ман баъди ман ҳам боз нопаймуда
мемонад.

Аё замонаи ҷангу ҷидолу ҷаҳлу фасод,
Бирав, ки бар падарат сад ҳазор лаъат бод!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кӯҳандиёри маро доманест олуда,
Куҷост домани кӯҳе, ки ман кашам фарёд?
Дигар чӣ ҷои шунидан, дигар чӣ ҷои сухан,
Ки радди маърака ҳам маърака кунад обод.
Баҳӯш бошу биё шав хамӯш, Хайрандеш,
Намонда қиммати шоир, на қадри истеъдод.

Зӯри бозуят куҷо шуд, нангу номусат куҷост?
Хез, Рустам, Рахшро мардум саворӣ мекунад!

Тар кунад дилҳои ёрон аз ғазал, аз шеъри тар,
Ҳалқи Хайрандешро аз оби Кавсар тар кунем.

Калон гаштаст охир, Хайрандеш,
Ба дегу косаву кафгири мардум.

Эй дил, мабанд меҳр ба аҳли ситабру габр,
Эй лаб, магир алейк дигар бар саломашон.
Осудагиву оштӣ бар ман ҳаром бод,
Шамшери хешро бикашам аз наёмашон.

Ҳар қадар пастиву расвоиву ҷаҳлу соддагӣ
Ҳаст дар дунё, худо бисёр бар ман додагӣ.
Эй худо, табъи баландаш бахшу рӯҳи безавол,
Заъф мебахшад ба Хайрандеш рӯҳафтодагӣ.

Дил ба мисли чашма меҷӯшид, меҷӯшид шеър,
Чашма дарё мешавад гуфтем, дарё ҳам нашуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гир Ҳофиз дасти Хайрандешро,
Киштии ӯ ҳам нишасту ҳам шикаст.

Маро бар ҳоли худ монед, ман бисёр мегирям,
Ки ман бар ҳоли зори чархи каҷрафтор мегирям.

Аз боиси одамон бисӯзад
Хуршед дар он фазои хилват,
То роз ба ту ҷаҳон кушояд,
Бикшой ту дасту пои хилват.

Дар кӯдакӣ аз бало наметарсидӣ,
Акнун, ки калон шудӣ, чаро метарсӣ?
З-он рӯз нишонат надиҳад, Хайрандеш,
Морат газад, аз банди ало метарсӣ.

Дӣ ҳавои назми Ҳофиз кард Хайрандеш ҳам,
Коҳкаш акнун пазад дар сар ҳавои каҳкашон.

Бишкуфад шоир миёни дӯстдорони адаб,
Моҳ ҳам хушрӯйтар дар байни анҷум мешавад.
Иффатат бошад баланду ҳимматат бошад баланд,
Гӯй Хайрандешро: Кӯлоб ҳам Рум мешавад.

Ҳар ки донист аламу дарди дили Хайрандеш,
Даст бар сар заду биншасту паи кор нарафт.

Оқибат рӯзе хамӯш ин шӯру ғавғо мешавад,
Оқибат ин зиндагӣ табъи дили мо мешавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар касе як чиз гум кардаст, аммо сад дареғ,
Баччаҳои шаҳри мо гум кардаанд одобро.
Ҳеҷ медонӣ, ки Хайрандеш дорад орзӯ
Иттиҳоди шоирони кишвари Кӯлобро?!

Ҳар касеро ба чашм мебинӣ,
Нонавишта китобҳо дорад.
Ҳаст то бастае, кушоиш ҳаст,
Қасри иқбол бобҳо дорад.
Осмонвор бош, Хайрандеш,
Осмон офтобҳо дорад.

Эй субҳ, чашм мебарӣ, оинаӣ магар?
Эй бод, маст мекунӣ, оё ту бодаӣ?
Эй Хайрандеш, аз ғами беҳудаат чӣ суд?
Олам мураккаб аст, аҷаб марди соддаӣ.

Каромат кун, ки бетобам, ба чашми кас
наметобам,
Маро худ офаридӣ зарра, акнун офтобам кун.
Худоё, гоҳ бедорам, гаҳе хобам, чӣ ҳол аст ин?
Ту Хайрандеш бедорам, ту Хайрандеш
хобам кун.

Кал додари кӯр асту гадо баччаи шайтон,
Эй мӯи сарам тулт машав, шона надорам.
Бегона надорад хабар аз Хайру мақомаш,
Эй хеш, биё, меҳр ба бегона надорам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳақиқат аз сари минбар шунидем,
Валекин пушти минбар беагар нест.
Ба Хайрандеш фармо хап кунад, хап,
Ки ӯ ҳам, эй бародар, беагар нест.

Туро оби ҳаёти ҷовидонӣ ҳаст, эй Ҳофиз,
Ки каф-каф об менӯшам, ту дарёӣ, ту дарёӣ.
Бимон ҳамсояҳо як шаб биосоянд, Хайрандеш,
Табобат кун, ки мегӯӣ ту шаб то рӯз олоӣ.

Ҳар касе аз даргаҳат ҳар чӣ талаб дорад, маро
Файзу эҳсонам бубахшу нури имонам бидеҳ.
Ризқи Хайрандешро сар то сари дунё мапош,
Луқмаиноне ба хоки поки Хатлонам бидеҳ.

Як одамӣ, ки дар сари ту фанду фитна нест,
Як одамӣ, ки дар дили ту гарди кина нест.
Ту як хазинаӣ, ки ба мислат хазина нест,
Дар Макка нест мисли туву дар Мадина нест.

Сари пориса қумрӣ кард қум-қум:
Ки номи ҷанг аз дунё шавад гум.
Ба рӯи бомҳо як села қумрӣ:
Қуми қум, қум, қуми қум, қум, қуми қум.

Туро бар сар биояд ногаҳонӣ
Ба як дам сад балои осмонӣ.
Раҳон ҷони худ аз васвоси шайтон,
Бикун атрофи худро посбонӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сабо садбарги масҷид сад варақ кард,
Мусулмон хун гиристу хунарақ кард.
Ҳазар дорем аз девори масҷид,
Кӣ ғундалкаждуме ҷо дар тарақ кард.

Дили бекинае дорам даруни синаи кӯҳна,
Вале рӯ мезанад чун доғ гоҳе кинаи кӯҳна.
Маро ҳарчанд оинест, оини вафодорӣ,
Ҳувайдо мешавад зангор дар оинаи кӯҳна.

Соли Нав соли бомурод шавад,
Халқ серу замона шод шавад.
Бод фархунда гардиши айём,
Гардиши мол ҳам зиёд шавад.

Ман он риндам, ки одобе надорам,
Ман он шайхам, ки меҳробе надорам.
Зи дасти хӯи бад ҳар ҷо, ки бошам
Қароре рӯзу шаб хобе надорам.

Ба Машҳад омадам, Машҳад калон аст,
Биё, эй мурда, Машҳад кони ҷон аст.
Замини Машҳади поку муқаддас
Баланд, эй дӯст, аз ҳафт осмон аст.

Хизмати шоиста баҳри халқу миллат мекунем,
Миллати мо то шавад хушбахт, хизмат мекунем.
Он касе, к-ӯ ҷону дил бар нафъи миллат медиҳад,
То қиёмат дӯст медорему ҳурмат мекунем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ё раб, ба гузаштагон бубахшой,
Бар мондагиҳо амон бубахшой.
Аз луфту инояти худованд
Бошем ҳамеша шоду хурсанд.
Ин хона мудом бод обод,
Арвоҳи гузаштагон шавад шод.

Обод шавад гетӣ
Бо хешиву пайвандӣ,
Бигзор фақат бошад
Хурсандиву хурсандӣ!

Як рафт, ду рафт, сею чораш биравад,
Одам, ки бирафт, эътибораш биравад.
Як мард наёбанд, ки бо сад ихлос
Бар маъракаи оши наҳораш биравад.
Таҳмина ба фарёд кучоро гирад,
Рустам, ки бирафт, иқтидораш биравад.

Ту ҳоҷатманд агар бошӣ, ба ҳоҷатхона
кам биншин,
То бо дил бештар хӯ гиру камтар бо
шикам биншин.

Ман чеҳраи субҳи рӯҳафзо дидам,
Ин чеҳра, худо ки буд, зебо дидам.
Ман бори нахуст рӯи Наврӯзиро
Аз тирезаи хонаи Мирзо дидам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Наврӯз шуду бихонд булбул ба саҳар,
Бо лаҳҷаи бозориву бо лаҳни дигар.
Таҳрирталаб шеъри ту ҳаст, эй булбул,
Онро ту фақат ба пеши Бозор бубар.

Бигзор, ки хоки Тоҷикистон
Пургандуму пурбиринҷ бошад,
Ризқи ҳамамон шавад фаровон,
Ин мулк мудом тинҷ бошад.

Судбахшон безарар ҳам нестанд,
Дегро рӯяш сияҳ аз оташ аст.
Ман сабақ аз мактабе дорам, дар он
Севу се дар зери ханҷар ҳам шаш аст.

Ин кӯҳнаҷаҳон кӯҳнаниҳод аст, азизон,
Ин роз азизе накушодаст, азизон.
Маънои ҷаҳондорию маънои ҷаҳон чист?
Ҷанг асту ҷидол асту ҷиҳод аст, азизон.
Не қадри сухан мондаву не қиммати шоир,
Ин чархи фалак кӯрсавод аст, азизон.

Феълу хӯи Хайрандеш ас маро намефорад,
Феълу хӯ, ки ӯ дорад, феълу хӯи одам нест.

Ҷон маст кунад бӯи хушу сулҳу салоҳ,
Эй бод, бубар бӯи бади ҷанги хунук.
Базми ҳама базму базми мо ғуссаи дил,
Рақсида намешавад ба оҳанги хунук.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Пои ланги маро худо гирад,
Во аламҳои дасти кӯтаҳи ту.

Пилку чашмонат мудом аз ашки ғам нам,
эй падар,
Мекашӣ то кай ту бори ҳасрату ғам, эй падар?
Зиндагӣ сарсону саргардон шудан
будасту бас,
Чун ту саргардонаму овора ман ҳам, эй падар.

Одаму одамгарӣ гум гашту меҷӯянд, ҳайф
Одамон аз мору каждум одаму одамгарӣ.

Шикаст оинаи Искандариро
Ҳар он миллат, ки Ҷоми Ҷам нагирад.
Қалам зинҳор, Хайрандеш, магзор,
Қалам бояд ягон дам дам нагирад.

Худнамоиҳо нишони давлату дорандагист,
Пул набошад, одам аз ҳамсоя пинҳон мешавад.

Коре, ки дӯш дӯст, худоё, ба дӯст кард,
Душман, ки душман аст, ба душман намекунад.
Симурғи Қофи табъи ман, афсоназоди ман
Дар пуштаҳои паст нишеман намекунад.

Бирез, эй соқии даврон, маи гулгун ба сад солам,
Надорам орзуи зистан з-ин беш дар дунё.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пас аз чандин ҳазорон сол мехонанду мегӯянд:
«Наомад зираке монанди Хайрандеш дар дунё».

Пои дил бар дари донои Фаранг уфтодаст,
Кори ин шишаи бечора ба санг уфтодаст.
На рубоӣ, на дубайтӣ, на ғазал, Хайрандеш,
Баъд аз ин ҳеҷ магӯ, қофия танг уфтодаст.

Алҳазар, ёрон, ки ман ҳам оқибат сар мекашам,
Ғайри ман дар гирди ман ҳар кас, ки бошад,
саркаш аст.

Паноҳам бод аз ёрони бадгӯ,
Паноҳам бод аз морони бадхӯ.
Намегирам дигар дам, Хайрандеш,
Ба як дам то ба охир мекашам зӯ.

Бӯи дӯзах дорад он ҷо, ки надорад бӯи шеър,
Ҳар куҷо шеър аст, он ҷо ҷаннатулмаъво шавад.
Оҳ, Хайрандеш, имшаб кош дар базми ғазал
Рӯдакӣ бо чангу уду барбаташ пайдо шавад.

Абри мо аз осмони мо гузар дорад, вале
Мечакад дар кишти мардум қатраи борони мо.
Дар насиби мо фақат ранҷу машаққат будааст,
Офарин бар ҷони мо, сад офарин бар ҷони мо.

Як агар бахшӣ, худои меҳрубон сад бахшадат,
Комбахшиҳоям охир комёбам мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хон ғазал, оқои Хайрандеш, то роҳат кунем,
Маънию лутфи ғазалҳои ту обам мекунад.

Чаро худ мекунӣ рози дилат фош?
Чаро худ мекунӣ бар худ хиёнат?
Пушаймон аст сахт андар танат ҷон,
Туро бас дар азоб аст ин амонат.

Гапат шунидаму омад ба диданат ҳавасам,
Туро бидидаму дарёфтам, ки худ чӣ касам.
Баланду пасти ҷаҳон вогузор, Хайрандеш,
Баландтар зи уқобам, ки паст аз магасам.

Ин нуқлу кабоб ҳама аз баҳри шумост,
Ин ҷому шароб ҳама аз баҳри шумост.
Ин ҷангу рубоб ҳама аз баҳри шумост,
Ин базми савоб ҳама аз баҳри шумост.

Нон аз ҳама қиммат аст, ёрон шиканед,
Дурдона ба зери дури дандон шиканед.
Як лаҳза дар ин маърака армон шиканед,
Як бори дигар хуш омадед! Нон шиканед!

Базми ту муносиб аст, эй мутриби ишқ,
Ҷони ту мувофиқ аст дар қолиби ишқ.
Ҳар кас, ки шунид, меравад ҷониби ишқ,
Ҳар кас, ки бирафт, мешавад ғолиби ишқ!

Эй худовандо, маро хори дари мардум накун,
Хонаамро ҳеҷ гаҳ бе донаи гандум накун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳусн аз туву ноз аз ту, ниёз аз мани зор,
Дарду аламу сӯзу гудоз аз мани зор.
Дур аст зи лаб то хами абрӯву ба лаб
Тай кардани ин роҳи дароз аз мани зор.

Эй зулфи ту кач, ханҷари миҷгони ту рост,
Зулфи ту каҷу миҷҷаи ту рост чарост?

Хезед зи ҷо, арӯсу домод омад,
Як ҷуфт кабӯтари худодод омад.
Ҳиҷрону фироқу ғусса барбод омад,
Домоду арӯси нозанин шод омад.

Лабханд ба гулғунчаи тар мезебад,
Гулғунчаи тар ба лабшакар мезебад.
Имшаб ба ҳавас нигаҳ кунед, эй мардум,
Домоду арӯс бар ба бар мезебад.

Он гӯшаи ин замин агар дар Яман аст,
Рӯзию насибу луқмаи нони ман аст.
Он гӯшаи он замин, ки бе тарсу ҳарос
Панҷ вақт намози худ гузорӣ, Ватан аст.

Чун гурба ту хӯ гирифтаӣ бо саги сум,
Як рӯз ҳаром мемурӣ дар таги сум.
Ту бар ба бар овораву мо хушбахтем
Бо самбӯсаҳои бари Универмаги «СУМ»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Як рӯз агар чу бойҳо бар ба барам,
Сад рӯзи дигар ба войҳо барбабарам.
Эй талхзабон, зиндагиат ширин бод,
Аз кӯчаи қандчойҳо бар ба барам.

То пой бисӯхт шамъаки шӯълабасар,
Ҳайкалчаи тиллоии Зардуштписар.
То қавм қадам ба кеши бегона занад,
Зардуштписар шӯъла ба ҳар хона занад.

Нашнид касе арзи ману арзи Ватан,
Як рӯз чу шир меравам сар зи Ватан.
Аммо ба кучҷое, ки равам, мегӯтам
Дар қарзи туву қарзи худу қарзи Ватан.

Кай аз раҳи ҷурму фисқу май мегардем,
В-аз фалсафаи нолаву най мегардем.
Ин марз пур аз тантанаву анъана шуд,
З-ин тантанаву анъана кай мегардем?

Эй субҳ, ту озодатарин озодӣ,
Пешобағалат ба рӯи мо бикшодӣ
Бар мо ту муҳаббату садоқат додӣ,
Сарчашмаи илму ҳунару эҷодӣ.

Эй субҳ, маро ба мисли худ пок бикун,
Ҳар заҳр, ки хурдаам, ту тарёк бикун.
Чун синаи худ синаи ман чок бикун,
Оғоз маро ҳам ту зи афлок бикун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо номи худо, ки ҳаст раҳмону раҳим,
Бо номи худо, ки з-ӯ ба дил дорам бим,
Бо номи худое, ки Муҳаммад овард,
В-аз кулли муҳиммоти ҷаҳон аст муҳим.

Эй бехабар аз ҳикмати сармояи сабр,
Ношукри замину осмону маҳу абр,
Оллоҳ ситам намекунад бар одам,
Ҷабри одам бар одам аст ин ҳама ҷабр.

Ҳар куҷо бошед, ёрон соҳиби ҳурмат шавед,
Қадри одамро бидонед, одами қиммат шавед.

Ҳар субҳ баланд ояд шеъри шафақи Машҳад,
Ҳар шеър муносиб нест андар варақи Машҳад.

Дили пуркина доим ғусса дорад,
Биё шав мисли Хайрандеш дилсоф.

Сад баҳор ояд равад, садҳо баҳор ояд равад,
Сирри Хайрандеш дар дунё нагардад ошкор.

Мон, зи нав сабза дамонад суманак,
Мон, зи нав шира давонад суманак.
Мешавад садқаҳакаш, Хайрандеш,
Ҳар касе пухта тавонад суманак.

Ман душманӣ ба марди мусулмон намекунам,
Ман дӯстӣ ба мардуми шайтон намекунам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз дӯст пеши халқ шикоят намебаранд,
Ёрон маро кушанд ҳам, афғон намекунам.

Мӯҳтоҷи дастгирии ту гаштаам, рафиқ,
Дастам бигиру бош ба олам ба ман шафиқ.

Шукри бисёр, ки ҳастем қатори дигарон,
Баъд аз ин кор надорем ба кори дигарон.
Рахши ман Рустами Дастони маро дораду бас,
Мурд охир хари ман дар таги бори дигарон.

Кори дунё рафта-рафта-рафта осон мешавад.
Рафта-рафта номусулмон ҳам мусулмон мешавад.

Мабод беадабӣ карда лаб фурӯ бандам,
Миёни аҳли адаб гарчи эътиборам нест.
Агарчи чаҳ-чаҳа дорӣ ба шавқ, Хайрандеш,
Ҳанӯз савти ту дар гӯши боғ форам нест.

Гирён нашавед рӯзи борон,
Аз файзу сахои навбаҳорон.
Пайванд замину осмон аст,
Пайванд шавед, дӯстдорон.
Оед суроғи Хайрандеш,
Дидор ғанимат аст, ёрон.

Манам уфтода дар чоҳи ғуломӣ,
Ғуломӣ тор дорад, таҳ надорад.
Худоё, ин фалак меҳру муҳаббат
Ба Хайрандеш мардум аҳ надорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Сари озодагон бояд бигирад май зи ангурам,
На ҳар мутриб тавонад захма зад бар тори танбӯрам.
Дигар мутриб талаб дорам дар ин гулбазм, к-ин мутриб
Фақат гӯши маро метобаду ман боз ноҷӯрам.

Офарин бод бар он марди худодод, ки ӯ
Шӯх чун Саъдию монанди Самак айёр аст.
Чоҳи беҳуда макан рӯи раҳи Хайрандеш,
З-он, ки ҳам зираку ҳам оқилу ҳам ҳушёр аст.

Ғайбати бисёр Хайрандешро карданд дӯш,
Барфу борон зад ба деворе, ки сархорӣ надошт.

То ҳақиқатро нигаҳ дорам зи чашми бад мудом,
Чун ҳазориспанд дар афсона месӯзам фақат.
Мисли Хайрандеш ман ҳам баъд аз ин бо сад алам
Дар ғами хешу ғами бегона месӯзам фақат.

Чӣ суд зи ғам хӯрдану бедор нишастан,
Парвои касе нест, ки шаб хоб накардӣ.

Ба боғ сайри саҳаргаҳ чӣ меравӣ? Аз ман
Насими тоза биҷӯ, новазидае дорам.

Ҳақро зи ноҳақ фарқ кун, ҳам ғарқ шав, ҳам ғарқ кун,
Ҳукми шариат хор шуд, ҳукми замон мардона ҳаст.

Аз сари минбар ҳасудонам агар дур афкананд,
Кош, эй асри сухан, дар пои минбар будаме.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳам ба шеъру ҳам ба меҳру ҳам ба азму ҳам ба разм
Кош ба Фирдавсии Тӯсӣ баробар будаме.

Худ нигаҳ дор, нигаҳ дорандат,
Дил маёзор, маёзорандат.
Ҷон ба ҷонони Ватан, Хайрандеш
Зуд биспор, ки наспорандат.

Бе меҳр по ба хонаи мардум намондаем,
Омад касе ба хонаи мо, ошно шудем.

Бо сухан дилбастагонро, эй худо, тавфиқ бахш,
То қиёмат бош, Хайрандеш, ғамхори сухан.

Шиштанӣ дорад сари дасторхони тоҷикӣ,
Мазза дорад хӯрдани як бурда нони тоҷикӣ.
Хайрандешо, ғазал бисёр мегӯӣ, чаро?
Кайф дорад шеър гуфтан бо забони тоҷикӣ.

Наметарсам ман аз бомаслиҳат по мондани ёрон,
Вале аз якравиҳои ту, Хайрандеш, метарсам.

Тан ба тан, паҳлӯ ба паҳлӯ, рӯ ба рӯям душман аст,
Таҳ ба таҳ, сутхон ба сутхон, тӯ ба тӯям душман аст.
Дур гардед аз барам, эй обрӯмандони шаҳр,
Эътиборам, шӯҳратам, ҳам обрӯям душман аст.

Москва хуб аст, эй оқои Хайрандеш, лек
Сад баробар хубтар аз Москва Кӯлоб ҳаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Миллатеро миллате таҳқир агар созад, бад аст,
Миллати тоҷикро тақдир ҳам таҳқир кард.

Орзу дорем: бар бад бад расад,
Ҳар касе нек аст, бар мақсад расад.
Орзу дорем: дунё тинҷ бод!
Умри некӯмардумон бар сад расад.

Биё, ки рӯи сапеди ба сурх моили ту
Марову ҷони маро кард масту қоили ту.

Ман онам, ки ғами дунё ғамам нест,
Ки гарде меҳр бар ин оламам нест.
Ҳама номуттаносиб, номуносиб,
Муносиб, муттаносиб одамам нест.

Ман расм кашам, расми кабӯтар бикашам,
Расми гулу гулзори муаттар бикашам.
Расми талу кӯҳсори кишвар бикашам,
Дидори Ватан ба рӯи дафтар бикашам.

Аз одамон канораву танҳоям,
Мафтуни он ситораи танҳоям.
Дилпорааму бахтнагунгашта,
Дилпора – пора-пораи танҳоям.

Фарёду фиғон, ду бари рӯро, ки марост,
Сад даст чапот мезанад аз чапу рост.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй ки бар аҳволи ман ҳар рӯз дорӣ нешханд,
Мекунам бар ҳоли ту як рӯз Хайрандешханд.

Эй забон, аз ваъда кун парҳез, ваъда душман аст,
Ваъдаро ту мекунию моҷарояш бо ман аст.

Хайри дунёву ахират бахшам, эй парвардигор,
В-аз азоби оташам бирҳон, ки бошам растагор.

Эй ки дорӣ майл доим бар ҳарому бар фасод,
Хонаву дар, давлату дӯкону бозорат касод.

Эй мард, мудом мехӯрӣ хуни ҷигар,
Чун луқмаи туст қути мардони дигар.
Танҳо манигар ба мардии хеш мудом,
Номардии мардони дигар низ нигар.

Эй дӯст, биё, ки тӯям обод шавад,
Фарзанди ту ҳам илоҳӣ домод шавад.

Дар Бадахшоне, ки меомад фақат Ленин дучор,
Ҷои Ленинро гирифт имрӯз Оғохони чор.

Худовандо, мадад фармо, мадад кун,
Маро арзанда бар хоки лаҳад кун.
Намедонам ягон оят зи Қуръон,
Мадад бо «Қулҳу оллоҳу аҳад» кун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МУНДАРИЧА

Ғазал ........................................................................ 3
Шеър ........................................................................ 27
Сабзандарсабз ........................................................................ 43

*Хайриддини Хайрандеш*

# ХАЙРОБОД

**(Маҷмӯаи ашъор)**

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | ***С. Маъмур*** |
| Мусаввир | ***У. Ашӯров*** |
| Муҳаррири ороиш | ***А. Муҳаммадиев*** |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | ***М. Саидова*** |
| Тарроҳ | ***Ф. Раҳимов*** |

Ба матбаа 02.09.2004 супорида шуд. Ба чопаш 12.09.2004 имзо шуд. Андозаи 70х108 $^{1}/_{32}$. Коғази офсетӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,25. Адади нашр 500 нусха. Супориши №15/04.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «*ЭҶОД*» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед